# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии № _______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми феврали соли 2025, № 98**

Барои сазовор донистани Исоев Диловарҷон Талисович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

Диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит санаи 07-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси № 91 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, № 349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Исоев Диловарҷон Талисович санаи 14 майи соли 1989, дар шаҳри Хуҷанд вилояти Суғд таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик. Исоев Диловарҷон Талисович соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси «Молия ва қарз» хатм намудааст.

Тӯли солҳои 2012-2016 ба ҳайси аспиранти кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ таҳсил намудааст аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2012 дар вазифаи муаллим-коромӯзи кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оғоз карда, соли 2014 ба вазифаи ассистенти кафедра ва аз соли 2015 то имрӯз дар вазифаи омӯзгори калони кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи мазкур фаъолият карда истодааст.

Ғайр аз фаъолияти илмӣ дар ташкилоти тиҷоратӣ фаъолияти амалӣ низ мебарад ва дар вазифаҳои сармуҳосиб, директори молиявӣ ва аудитори касбӣ (дар асоси Иҷозатномаи аудиторӣ) кору фаъолият бурда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**- Бобоев Мирзоҳаёт Усмонович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Калемуллоев Мунир Воҳидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**- Давлатов Алиҷон Азизбекович** – доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбӣ додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда –** Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи эксперт номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сайисмонов Р.С. навишта шуда, дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон санаи 24 январи соли 2025, протоколи № 5/1 баррасӣ гардида, аз тарафи Ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон д.и.и., профессор Файзулло М.Қ. аз 27-уми январи соли 2025 тасдиқ шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Татиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Исоев Диловарҷон Талисович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

Довталаб 16 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи шомили КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Автореферати диссертатсия ва корҳои илмии нашршуда пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

***А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

1. Исоев, Д.Т. Таҳлили идоракунии хавфҳои молиявии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Т. Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 5. – С. 92-98. ISSN 2413-5151
2. Исоев, Д.Т. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳисоботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир / Д.Т. Исоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 2-2(47). – С. 68-76. ISSN 2308-054X
3. Исоев, Д.Т. Методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо мутобиқи СБҲМ / Д.Т. Исоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №2(36). – С. 258-270. ISSN 2663-0389
4. Исоев, Д.Т. Низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо: такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методӣ / Д.Т. Исоев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – Ҷ. 67, № 4. – С. 122-131. ISSN 2077-4974
5. Исоев, Д.Т. Применение моделей Бениша и Роксаса для оценки достоверности финансовой отчетности банков / Д.Т. Исоев // Российский экономический интернет-журнал. – 2024. – № 1. URL: https://www.e-rej.ru/upload/iblock/2ad/0elanxptar21j7mkcbla6mnji3s57qoa.pdf eISSN: 2218-5402
6. Исоев, Д.Т. Бенчмаркинги молиявӣ ҳамчун воситаи такмили ҳисоботи молиявии бонкҳо / М.У. Бобоев, Д.Т. Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 2. – С. 167-176. ISSN 2413-5151

***Б) Дар дигар нашрияҳо:***

7. Исоев Д.Т. Рекомендации по разработке учетной политики банка в соответствии с МСФО / Д.Т. Исоев // Актуальные проблемы бухгалтерского учета, анализа, аудита и контроля в условиях открытой экономики / Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной 70-летию

известного ученого в области бухгалтерского учета и аудита Мирзобека Шобекова. Под ред. А.Х. Менгниева и А.А. Мирзоалиева – Душанбе: ОИПБА РТ, 2012. – 325 с. (с. 72-75)

8. Исоев Д.Т. Состояние и проблемы ведения бухгалтерского учета в коммерческих банках / М.У. Бобоев, Д.Т. Исоев // Актуальные проблемы финансового менеджмента, бухгалтерского учета и аудита в условиях инновационного развития экономики / Материалы I международной научно-практической конференции (19-20 апреля 2013 года, г. Худжанд). – Худжанд: Ношир, 2013. - 248 с. (с. 121-123). ISBN 978-99947-965-2-6

9. Исоев Д.Т. Методика составления консолидированной финансовой отчетности в коммерческих банках / Д.Т. Исоев // Актуальные проблемы финансового менеджмента, бухгалтерского учета и аудита в условиях инновационного развития экономики / Материалы I международной научно-практической конференции (19-20 апреля 2013 года, г. Худжанд). – Худжанд: Ношир, 2013. - 248 с. (с. 162-168). ISBN 978-99947-965-2-6

10. Исоев Д.Т. Анализ капитала коммерческого банка по требованиям международных стандартов / Д.Т. Исоев // Повышение конкурентоспособности национальной экономики Республики Таджикистан в условиях глобализации // Материалы международной научно-практической конференции (7-8 июня 2019 г., г. Худжанд). Под общей редакцией к.э.н. Олими Р.Л., Худжанд: “Ношир “, 2019. – 386 с. (с. 30-34). ББК – 65.011 М - 57 ISBN 978-99975-68-50-2

11. Исаев Д.Т. Пути совершенствовании формирования финансовой отчетности по МСФО кредитных организаций Республики Таджикистан / Д.Т. Исаев // Экономика и социум. – 2020. – № 6(73). – С. 677-680. ISSN 2225-1545

12. Исаев Д.Т. Расчёт и анализ вероятности банкротства (на примере ООО МДО "Матин") / Д.Т. Исаев // Синергия Наук. – 2021. – № 60. – С. 279-286. ISSN 2500-0950

13. Исоев Д.Т. Доир ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ / М.У. Бобоев, Д.Т. Исоев // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Қисми 2) (21-23 юми майи соли 2022) / зери назари д.и.и., проф. Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022.- 408 с. (с. 60-64). ISBN: 978-99985-73-92-5

14. Исоев Д.Т. Танзими меъёрии ташаккули ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ / Д.Т. Исоев // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии

ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 275 с. (с. 30-32)

15. Исаев, Д.Т. Особенности составления финансовой отчетности в банках Республики Таджикистан / Д.Т. Исаев // Проблемы внедрения цифровых технологий в различные сферы деятельности: Материалы VI Международной научно-практической конференции, Екатеринбург, 25 апреля 2023 года / Редколлегия: С.Ю. Шашкин, Т.Ф. Шитова, С.Ф. Молодецкая. – Екатеринбург: Уральский институт управления - филиал Федерального государственного бюджетного образовательного учреждения высшего образования "Российская академия народного хозяйства и государственной службы при Президенте Российской Федерации", 2023. – С. 32-36. ISBN 978-5-8056-0465-3

16. Исоев Д.Т. Вазъи муосири таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо / Д.Т. Исоев // Масъалаҳои мубрами низоми молиявӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Хуҷанд, 3 майи соли 2023). – Хуҷанд: Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. “Меърoҷ”, 2023. – 200 с. (с. 108-113) ТКБ 65.9 (5 Т) ТДУ 33 (575.3) М-36 ISBN 978-99985-78-17-3

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Ольга Владимировна Рожнова** – д.и.и., профессори кафедраи аудит ва ҳисоботи корпоративии факултети андоз, аудит ва бизнес-таҳлили Муассисаи давлатии таълимии буҷетии федералии таҳсилоти олӣ «Донишгоҳи молияи назди Ҳукумати Федератсияи Россия», бо чунин эрод:

- сарфи назар аз сатҳи баланди кори илмии пешниҳодшуда, мо чунин мешуморем, ки ба маълумоти ғайримолиявӣ дар ҳисоботи молиявии бонкҳо, инчунин ба ифшои итилоооти дорои хусусияти стратегӣ аҳаммияти нокифоя дода шудааст.

2. **Раҳимов Саидалӣ Холович** - н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, бо чунин эрод:

- бо дарназардошти вижагиҳои низоми бонкии Тоҷикистон пешбурди баҳисобгирӣ ва амалишавии СБҲМ-ро муфассалтар ифшо кардан муфид хоҳад буд.

3. **Рауф Латифзода Олимӣ** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”, бо чунин эродҳо:

- унвонҷӯ дар заминаи методикаҳои мавҷудбуда, талаботи СБҲМ ва таҷрибаи андӯхташудаи амалӣ методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмӯиро таҳия намудааст (расми 3 саҳ. 18). Яъне дар натиҷаи

истифодабарии пешниҳодҳои муаллиф чӣ гуна тағйиротҳо ба миён омаданашон мумкин аст ва ба кадом натиҷаҳо расидани низоми бонкӣ аниқ мешуд боз хубтар мешуд.

- дар таҳқиқот таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии арзёбии саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо вазифагузорӣ шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф таҷрибаи ягон кишвари хориҷиро дар ин раванд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар қобили қабул аст, нишон медод.

- ҳамчунин, дар баъзе ҷадвалҳо сарчашмаи таҳияашон нишон дода нашудааст, танҳо таҳияи муаллиф ба назар мерасад.

4. **Кудратзода Парвиз Қудрат -** н.и.и., дотсент, декани факултети молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии Данғара, бо чунин эродҳо:

- дар автореферат унвонҷӯ масъалаи танзими ҳисоботи молиявӣ дар ташкилоти қарзиро бо шаклҳои тавсиявие, ки дар дастурамал оид ба таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ дода шудааст, ба роҳ мемонд, мазмуни автореферат боз ҳам беҳтар мегардид.

- дар автореферат унвонҷӯ инчунин таҳлили ҳисоботи молиявиро дар мисоли худи Бонки миллии Тоҷикистон нишон медод, сатҳи илмии автореферат хубтар мегардид.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаи рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** марҳилаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии бонк тибқи СБҲМ; шаклҳои ҳисоботи молиявии фосилавии бонкҳо (ҳисоботи мухтасар дар бораи ҳолати молиявӣ, ҳисоботи мухтасар дар бораи фоида ва зарар); методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк, ки аз чор раванд иборат аст; алгоритми таҳияи стандарти дохилӣ. "Тартиби таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк"; самтҳои асосии рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо коркард карда шуд;

- ***пешниҳод шудааст:*** тафсири мафҳумҳои низоми ҳисоботи молиявии бонк, ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва ҳисоботи молиявии маҷмуӣ; ошкор намудани хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо; муайян кардани самтҳои асосии таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо; баҳодиҳӣ ба сифати ҳисоботи молиявӣ ва баланд бардоштани имкониятҳои таҳлилии он замина мегузорад;

- ***исбот шудааст***, ки айни замон методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва маҷмуии бонкҳо, мавриди таҳқиқи пурра қарор дода нашудааст ва методикаи (алгоритми) таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк таҳия ва пешниҳод карда шуд, ки истифодаи он дар амалияи бонкҳо то андозае барои баланд бардоштани самаранокии пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар бонкҳо, ҳамзамон барои такмили низоми таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии бонкҳо мусоидат мекунад.

- ***асоснок карда шудааст***, ки нақш ва афзалиятҳои истифодаи СБҲМ дар рушди фаъолияти бонкҳо зарурат дорад, самтҳои асосии такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо барои таъмин намудани раванди бомароми низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо кӯмаки амалӣ мерасонад. Тасдиқ карда шудааст, ки таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ воситаи баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ ба ҳисоб рафта, барои пешгирии сохтакории он мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, масоили таҳқиқи назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар бонкҳо аз ҷониби олимони ватанӣ начандон зиёд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Рушди бомароми низоми бонкӣ дар шароити муосир таҳқиқи илмии паҳлуҳои гуногуни низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботро тақозо мекунад. Дар диссертатсияи мазкур барои такмили низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавӣ ва талаботҳои СБҲМ ва иқтисодиёти рақамӣ коркардҳои муаллифӣ пешниҳод карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** диалектикӣ оид ба мавзуи таҳқиқотшаванда, ки омӯзиши таҳаввулоти муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин карда метавонад, аз қабили усулҳои умумиилмӣ, ба монанди: абстраксияи илмӣ, индуксия, дедуксия, таҳлил ва синтез, равишҳои таърихӣ, муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ ва мушоҳида, мушаххаскунӣ, меъёрӣ, системавӣ, комплексӣ, моделсозӣ, тартибдиҳии алгоритмҳо ва оморӣ истифода шудаанд;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки сиёсати баҳисобгирӣ муҳимтарин ҳуҷҷати меъёрии пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ маҳсуб ёфта, раванди таҳияи он мутобиқи СБҲМ аз чор марҳилаи пайдарпай иборат аст. Дар натиҷаи таҳқиқот хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо муайян карда шуданд (танзими пешбурди баҳисобгирӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз тарафи БМТ; шакли автоматии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили ҳуҷҷатгардиш; пешбурди баҳисобгирӣ мутобиқи феҳрасти алоҳидаи ҳисобҳо; тартиб додани варақаи гардишии ҳаррӯза ва тавозуни ҳаррӯза; омода кардани ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ ва талаботи иловагии БМТ; гузаронидани намудҳои гуногуни амалиётҳои ғайритавозунӣ; ташкили захираҳо ва фонди махсус барои қарзҳои пешниҳодшуда; баҳисобгирии даромад, хароҷот ва натиҷаи молиявӣ). Ошкор намудани хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо барои таҳияи методикаи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, муайян кардани самтҳои асосии таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо, баҳодиҳӣ ба сифати ҳисоботи молиявӣ ва баланд бардоштани *имкониятҳои* таҳлилии он замина мегузорад;

- ***аз нав такмил додани*** механизми пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ бо роҳи таҳияи алгоритму моделҳо воситаи муҳими ташкилию методӣ ба ҳисоб меравад. Дар заминаи методикаҳои мавҷудбуда алгоритми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк, алгоритми таҳияи стандарти дохилӣ “тартиби таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк”, марҳилаҳои гузаронидани бенчмаркинги молиявии бонкҳо дар асоси маълумоти дастрас таҳия ва тавсия карда шудаанд. Бо мақсади беҳтаргардонии таъминоти методии ҳисоботи молиявии бонкҳо корбурди амсилаҳои М. Бениш ва М. Роксас барои муайян кардани аломатҳои сохтакории ҳисоботи молиявии бонкҳои ватанӣ пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки коркарди тавсияҳои методӣ ва амалии мушаххас оид ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо ва роҳҳои баланд бардоштани шаффофияти иттилооти он ифода меёбад. Муқаррароти асосӣ ва тавсияҳои методию амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти бонкҳо, ташкилотҳои аудиторию консалтингӣ истифода бурда шаванд. Паҳлӯҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таълими фанҳои

баҳисобгирӣ дар бонкҳо, фаъолияти бонкӣ, ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гиранд.

- ***натиҷаҳои таҳқиқот*** ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо ва таҳияи самтҳои асосии рушди таъминоти ташкилию методии он инъикос меёбад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада доираи таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ васеъ намуда, метавонанд ба пояи низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи бонкҳо бо мақсади таъмини рушди самараноки бахши бонкӣ ворид карда шаванд;

- ***коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи маводҳои таълимию методӣ ва корҳои мустақилона аз фанҳои "Баҳисобгирӣ дар бонкҳо", "Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит", "Фаъолияти бонкӣ" ва "Таҳлили молиявӣ" дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд дар асоси санади татбиқ таҳти № 1132 аз 29.12.2023 сол ва дар фаъолияти амалии бонкҳо: санади татбиқ дар ҶСК "Бонки Эсхата" таҳти №III/276 аз 26.12.2023 сол, санади татбиқ дар ҶСП "Бонки Арванд" таҳти №1614 аз 18.12.2023 сол истифода бурда шудаанд.

- ***муайян карда шуд***, ки пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо низ дар муқоиса бо дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ (истеҳсолӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) бо хусусиятҳои муайян фарқ мекунад, зеро раванди фаъолияти бонкҳо бо ҷалби амонату пасандозҳо ва додани қарз вобастагӣ дорад ва дарки хусусиятҳои баҳисобгирӣ дар бонкҳо барои ташкили дурусти баҳисобгирии амалиётҳо ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ зарурат дорад;

- ***офарида шуд:*** марҳилаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии бонк тибқи СБҲМ (муайян кардани салоҳиятҳои зарурӣ, омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, муайян намудани робитаи байни ҷанбаъҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ, муайян кардани маҳакҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ) коркард ва пешниҳод карда шудааст, ки барои пешбурд ва танзими самараноки равандҳои баҳисобгирӣ мусоидат мекунад, марҳилаҳои (алгоритми) таҳияи стандарти дохилӣ доир ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ муайян ва пешниҳод карда шудааст, ки татбиқи он самаранокии фаъолияти таҳиягарони ҳисоботро баланд мебардорад, методикаи (алгоритми) таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк таҳия ва пешниҳод карда шуда, он ба равиши равандӣ асос ёфта, дар пайдарҳамии марҳилаҳо ва мавҷудияти расмиёту чорабиниҳои мушаххас зоҳир гашта, дорои тартиби сохторию мантиқӣ мебошад. Намунаи ҷадвали корӣ барои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк, ки аз ҷониби муҳосибони бонк

ҳамчун воситаи методӣ барои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ тавсия мешавад. Инчунин барои гузаронидани бенчмаркинги нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо боз илова намудани 7 нишондиҳандаи мутлақ ва 5 индикатори молиявӣ пешниҳод карда шуд, ки барои баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ, зиёд намудани имкониятҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

-*муаррифӣ карда шуд:* самтҳои рушди таъминоти ташкилию методии ҳисоботи молиявии бонкҳоро муайян ва корбурди амсилаҳои муайян кардани сохтакории ҳисоботи молиявиро пешниҳод намуда, илова намудани нишондиҳандаҳои мутлақ ва индикаторҳои молиявиро барои гузаронидани бенчмаркинги молиявии бонкҳо пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- *назарияи таҳқиқ* дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти таҳияи ҳисоботи молиявӣ, таъмини ташкилию методии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи бонкҳо, таҳлил ва назорат, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, аз рӯйи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни хориҷию ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил, ки ба таҳқиқи таҳияи ҳисоботи молиявӣ, таъмини ташкилию методии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои гузариши ташкилотҳои ватанӣ ба СБҲМ машғул шудаанд, инчунин, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот, натиҷаҳои таҳқиқоти монографӣ ва нашриҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ва ғайраҳо ташаккул ёфтааст;

- *ғояи* таҳқиқот дар асоси ҷамъбасту хулосаҳои назариявӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Фонди СБҲМ, маводи конференсияҳои илмию амалӣ, монографияҳо ва дигар маводи дар нашриҳои даврӣ чопшуда, захираҳои иттилоотии интернетӣ, иттилооти ҳисоботи молиявии бонкҳо, коркарди маводи шахсӣ ва ҳисобҳои муаллиф *асоснок шудааст;*

- *аслият ва навгониҳои* натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти

ташкилотҳои зикршуда ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** равишҳои таърихӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ ва мушоҳида, мушаххаскунӣ, меъёрӣ, системавӣ, комплексӣ, моделсозӣ, тартибдиҳии алгоритмҳо ва оморӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз коркарди тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо иборат мебошад.

- мукаммал намудани **методологияи** таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо ба мутобиқ намудани ин низом ба талаботҳои СБҲМ ва иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, ки боиси боло рафтани рақобатпазирии бонкҳои ватанӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, тақвияти иқтидори ҷалби сармояи хориҷӣ ба мамлакат, дар заминаи истифодаи усулҳои муосири пешниҳоди иттилооти молиявӣ ба истифодабарандагони дохилию берунӣ бо дарназардошти татбиқи талаботҳои СБҲМ дар таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мегардад.

- муаллиф **методикаи** таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкро дар заминаи ҷамъбастнамоиҳои назариявӣ, илмӣ ва амалӣ коркард намуда, дар раванди таҳқиқот хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳоро муайян намуда, шаклҳои ҳисоботи молиявии фосилавии бонкро таҳия ва пешниҳод кардааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ доир ба такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар бахши бонкии ватанӣ истифода бурдан бамаврид мебошад.

- муқаррароту хулосаҳо ва нуқтаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмиллалии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, Донишкадаи иқтисод ва савдо, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи идоракунии Урал ироа гардидаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи рисола дар солҳои 2013 – 2023 дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд бо санади татбиқ таҳти №1132 аз 29.12.2023сол, дар ҶСК "Бонки Эсхата" бо санади татбиқ таҳти №III/276 аз

26.12.2023сол ва дар ҶСП “Бонки Арванд” бо санади татбиқ тахти №1614 аз 18.12.2023сол);

- муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 9,4 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 8,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи шомили КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр гардидааст.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон (солҳои 2013, 2019, 2023), Донишкадаи иқтисод ва савдо (соли 2019), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (соли 2022), Донишкадаи идоракунии Урал (соли 2023) баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маъруза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 аз санаи 15.02.2025 қарори сазовор донистани Исоев Диловарҷон Талисович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро 15 нафар овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**15.02.2025**